Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
(суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

Масоили марбут ба густариши шарикии стратегӣ ин масоили нисбатан нав дар илми менеҷмент ҳисобида мешавад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти муҳим пайдо намудааст. Яке аз муҳимтарин падидаҳои асри имрӯз падидаи ҷаҳонишвӣ ба ҳисоб меравад, ки тамоюли ба ҳам наздик шудани равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва технологиро таҷассум мекунад. Ҷаҳонишавӣ раванди объективӣ ва ногузири тамаддуни инсоният шинохта шудааст, ки инкишофи оқибатҳои мусбӣ ва манфии ба худ хосро дорад, аммо дар умум ба густариши шарикии стратегӣ мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ин бояд гуфт, ки назарияи ҷаҳонишавӣ то ҳол пурра ва ба таври комил омухта нашудааст ва паҳлуҳои алоҳидаи он, махсусан, дар тафсири қонуниятҳои густариши равандҳои ҳамгироӣ, шарикии фаромарзии субъектҳои иқтисодӣ, кооператсияи байналхалқӣ ва амсоли он ба тадқиқ ва таҳлили ҳамаҷониба ниёз дорад. Аз муҳтавои автореферати Аҳмадҷон Саидҷонович бармеояд, ки ин холигӣ дар тадқиқоти ӯ то андозае пур карда шудааст.

Таҳлили муфассали автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф ба асосҳои назариявӣ ва методии рушди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти махсус зоҳир намудааст. Шаклҳои мухталифи

шарикии корхонаҳои истеҳсолӣ, таъминкунандагон, муассисаҳои тиҷоратӣ ва илмӣ, ки ҳадафи асосии онҳо ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд ва таъмини самараи синергетикӣ мебошад, муайян карда шудаанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ ва суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, дар заминаи фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, мусоидат мекунад.

Ба андешаи муаллиф, ки онро мо низ дастгирӣ менамоем, минбаъд бо мақсади вусъат додани шарикии стратегӣ дар соҳаҳои саноат, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои зерин диққати махсус додан лозим аст: ташкил намудани комиссияҳои муштарак; ифтитоҳи намояндагиҳои тиҷоратии ду кишвар; гузаронидани намоиши молҳои саноатӣ; рушди заминаи институтсионалии ҳамкорӣ дар соҳаи илму маориф, ташаккули заминаҳои инфрасохтории рушди соҳибкорӣ бо назардошти тавсеаи шарикии стратегии субъектҳои хоҷагидор ва ғайра. Муайян намудани квотаҳои давлатӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии ҳамкории ширкатҳои саноатии Тоҷикистон бо ширкатҳои саноатии дигар кишварҳо бо назардошти татбиқи принсипҳои шарикии стратегӣ низ аз аҳаммияти хос бархурдор мебошад.

Қобили таваҷҷуҳи махсус ин модели иқтисодию риёзии ташаккули кластерҳо дар бахши саноат мебошад, ки муаллиф онро дар самти ошкор намудани роҳҳои рушди шарикии технологӣ байни корхонаҳо таҳия намудааст, ки татбиқи ҷиҳати фароҳам оварадани шароити мусоиди шарикии технологӣ ҳамчун асоси кластеризатсияи корхонаҳои саноатӣ мусоидат хоҳад кард.

Ба сифати эрод бояд гуфт, ки муаллиф дар доираи кори илмии худ як соҳаи мушаххаси саноатро таҳлил намекунад. Аз авторефрат бармеояд, ки саноат пурра чун объекти тадқиқ қабул шудааст, ки каме кори муаллифро душвор менамояд. Аммо, бояд гуфт, ки докторанти фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос дар асоси таҳқиқоти худ ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардидааст, эродҳои мазкур дар умум ба мазмун ва

моҳияти диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва баёнгари мураккабу гуногунҷабҳа будани мавзуъ мебошанд ва ба баҳои мусбии он таъсир намерасонад.

Умуман, кори диссертатсионии пешниҳодшуда кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасонидашуда ҳисобида мешавад, ки аз тарафи муаллиф мустақилона дар сатҳи ҷавобгӯйи талабот иҷро карда шудааст. Тавсияҳо дар диссертатсия овардашударо ҳамчун натиҷаи илмии нави ҳалли муаммоҳои таъмини самаранокии шарикии стратегӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобидан мумкин аст.

Хулоса, аз арзёбии автореферат бар меояд, ки кори диссертатсионии Маҳмадуллоев А.С. дар мавзуи "Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) ба талаботи бандҳои. 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгу буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) сазовор мебошад.

**Муқарриз,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара** **Хайрзода Ш.Қ.**

Имзои д.и.и., дотсент Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоҳирзода С.Т.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА ШУЪБАИ КАДРҲО

(Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, н. Данғара, к. Маркази 25. Тел: 987-34-60-00; E-mail: shukrulloh-kh-83@list.ru)

21.08.2024